**Тақризи**

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" (асрҳои X-XV) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Таҳқиқи тафсирнигории форсии тоҷикӣ ба Қуръони карим ҳамчун сарчашмаи филологӣ аз самтҳои камомӯхтаи адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Бахши муҳиме аз мероси мансури форсии тоҷикӣ ба тарҷума ва тафсирҳо ихтисос дорад ва иддае аз асноди марбут ба пажӯҳишҳои филологӣ ҷуз аз ин гурӯҳи манобеъ ба даст намеояд. Ба ин мӯҷиб, дар адабиётшиносии тоҷик омӯзиши тарҷумаву тафсирҳои куҳан ва ба муомилоти илмӣ кашидани арзишҳои адабии онҳо аз аҳамияти хоса бархурдор аст.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам таҳти унвони "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" (асрҳои X-XV) дар самти мазкур бо ҳамин мақсад ба қалам омадааст. Таҳқиқоти диссертант иқдоми муҳими навбатӣ дар пажӯҳиши тарҷума ва тафсирҳои куҳани форсии тоҷикист.

Диссертант ба ҳайси муҳаққиқи фарохназар ва пуркор пажӯҳишҳои чандинсолаи худро дар таҳқиқи мавзӯи ёдшуда ба шакли рисолаи равишманди илмӣ пешниҳод намудааст.

Дар боби аввал масъалаҳои осору аҳвол ва ҷаҳонбиниву афкори Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ҳашт фасл ба баррасӣ кашида шудааст. Таҳқиқи диссертант дар фаслҳои ҳаштгонаи ин боб бо такя бар гузоришҳои манобеъ ва таҳлили пажӯҳишҳои қаблан анҷомёфта сурат гирифтааст. Дар чанд маврид бо далелҳои муътамад бар нақди назари қисме аз муҳаққиқон ва мубоҳисаи илмӣ бо онҳо пардохта, ки аз табаҳҳури диссертант ба мавзӯъ дарак медиҳад. Ин хусусият аз ҳама бештар дар фасли сеюм дар масъалаи ҷаҳонбинӣ ва мактаби эътиқодии Ҳусайн Воизи Кошифӣ падидор аст. Бахши дуюми фасли панҷум аз боби

мазкур, ки ба муаррифӣ ва бозшиносии тафсирҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ – "Ҷавоҳир-ут-тафсир литуҳфат-ил-Амир", "Мухтасар-ул-ҷавоҳир", "Ҷомеъ-ус-ситтин", "Мавоҳиби Алийя" ё "Тафсири Ҳусайнӣ" ихтисос ёфтааст, аз арзиши баланд бархурдор аст. Таҳқиқоти дар ин замина суратгирифта, бори аввал осори зикршудаи Ҳусайн Воизи Кошифиро бо чунин сабку аснод дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ менамояд.

Боби дуюми диссертатсия "Суннати тафсирнигорӣ бар Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайни Воиз" ном дошта, аз чаҳор фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал масъалаи шахсияти муфассир ва заминаҳои фикрии он баррасӣ ёфтааст. Диссертант дар ин фасл таъкид намуда, ки муфассир барои баёни маонии оёти қуръонӣ ба қадри дарк ва ошкор намудани муроди Худованд аз Қуръон атрофи масъалаҳои зерин баҳс мекунад: муфрадоту таркибот ва маонии онҳо, асбоби нузул, тартиби нузул, тавзеҳи ишорот, муҷмалот, тамйизи носихот, мансухот, муҳкамоту мутошобиҳот аз якдигар, тафсили таъризот, аҳкоми Қуръон ва қасасу ҳикоёти қуръонӣ.

Дар фасли дуюм, ки "Мафҳуми "тафсир" ва истилоҳоти қариб ба он" ном дорад, маънии луғавию истилоҳӣ ва умумияту хусусияти мафҳумҳои "тафсир", "таъвил", "танзил", "тарҷума" ва ғ. тавзеҳ ёфтаанд.

Дар фасли сеюми боб, ки "Анвои тафсир" унвон ёфтааст, нахуст аз таърихи илми тафсир сухан рафта, дар идома масъалаи дастабандӣ ва навъҳои тафсир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид гардида, ки тафсирҳо бо нигоҳи куллӣ ба таърихи он ба ду навъ ҷудо мешаванд – тафсирҳои шифоҳӣ ва тафсирҳои мактуб. Ҳамчунин, баён дошта, ки тафсирҳоро аз нигоҳи лаҳн ва шеваи нигариши муфассирон ба ду дастаи куллӣ тақсим менамоянд – тафсирҳои ривоӣ, ки аз забони Пайғамбар (с), саҳобагон ва бузургон нақл мегардад ва тафсирҳои ақлӣ, ки дар он муфассирон ба таҳлил ва баррасиҳои ақлӣ низ мепардозанд.

Афзун бар ин, роҷеъ ба анвои тафсирҳо аз нигоҳи сохторӣ – мавзӯӣ ва тартиби қуръонӣ, ишорӣ, балоғиву забонӣ, фиқҳӣ, илмӣ ва ғ. маълумот дода шудааст.

Фасли чаҳоруми боби дувум, ки "Суннати тафсирнигорӣ то давраи Ҳусайн Воизи Кошифӣ" унвон дорад, аз фаслҳои пурбори рисола мебошад. Диссертант дар ин фасл мавзӯъро дар се зерфасл ба таҳқиқ гирифтааст: Аввал, масъалаи тафсирнигорӣ ба забони арабӣ: шарҳу тавзеҳи шифоҳӣ ва тафсирнависии мактуб, ки дар он ба тафсир аз забони Пайғамбар (с), хулафои рошидину саҳобагони дигар ва тобеин таваҷҷуҳ гардида, нахустин тафсири мактуб ба Ибни Аббос интисоб ёфтааст; дуюм, баррасии масъалаи тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба форсӣ. Дар ин зерфасл нахуст масъалаи таърихи тарҷума ва тафсири Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ, ки аз аҳди Сомониён маншаъ мегирад, баррасӣ гардида, сипас ба таърихи таълиф ва муаррифии муҳимтарин тарҷумаҳо, аз қабили "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ", "Тоҷ-ут-тароҷим фӣ тафсир-ил-Қуръони ли-л-аоҷим"-и Шоҳфури Исфароинӣ, "Тафсири Сурободӣ"-и Абӯбакр Атиқ ибни Муҳаммад Ҳиравии Нишопурӣ, "Тафсири Насафӣ"-и Абӯҳафс Наҷмиддин Умари Насафӣ, "Тафсири Шункушӣ", "Тарҷумаи Қуръони музейи Порс" ва ғ. таваҷҷуҳ гардидааст; сеюм, таҳқиқу бозшиносии тафсирҳои таълифӣ ба забони форсӣ мебошад. Манзури муаллиф муаррифии тафсирҳоест, ки аз оғози ташаккули тафсирнависӣ ба забони форсии тоҷикӣ то замони Ҳусайн Воизи Кошифӣ таълиф ёфтаанд. Дар зерфасли мазкур тафсирҳо аср ба аср дастабандӣ шудаанд. Муаллиф "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" "Тафсири Қуръони пок", "Тафсири Қуръони азим", "Тафсире бар ушре аз Қуръони маҷид", "Лисон-ут-танзил", "Тафсири Кембриҷ", "Тафсири Исфароинӣ", "Латоиф-ут-тафосир", "Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр"-и Майбудӣ, "Равз-ул-ҷинон ва равҳ-ул-ҷанон"-и Абулфутӯҳи Розӣ, "Тафсири Басоири Яминӣ"-и Маҳмуди Нишопурӣ, "ас-Ситтин ул-ҷомеъ лилатоиф

ил-басотин"-и Аҳмади Тӯсӣ ва ғ. муаррифӣ намуда, ки то асри XII навишта шудаанд.

Дар асри XIII бар асари бесарусомонии рӯзгор тафсирнависӣ равнақи пешинаро аз даст медиҳад. Мувофиқи гузориши диссертант, дар асри мазкур чунин тафсирҳо таълиф гардидаанд: "Зод-ул-музаккирин", "Тахбир-ул-калом", "Канз-ул-мулк", "ал-Мухтор мин кутуб-ил-ахбор".

Дар асри XIV тафсирнависӣ ба забони форсии тоҷикӣ ба ҷараёни худ идома медиҳад. Дар ин давра низ чанде аз донишмандони тоҷик ба таълифи тафсир ҳиммат мегуморанд. Муҳимтарин тафсирҳои ин аср аз ин қабиланд: "Тафсири сураи Фотиҳа", "Тафсири Банокатӣ", "ал-Асъила ва-л-аҷвиба ал-мутааллиқа би-л-Қуръони ва-л-ҳадис".

Диссертант таъкид намуда, ки асри XV дар таърихи тафсирнависӣ ба забони форсии тоҷикӣ давраи пурбор мебошад. Дар ин аср тафсирҳои зиёд навишта шуда, ки "Тафсири Муҳаммади Порсо", Тафсирҳои Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, "Тафсири Чархӣ", "Мадориҷ-ул-афҳом-ил-афвоҷ", "Баҳри маввоҷ", тафсирҳои Шоҳ Доъии Шерозӣ: "Таъвили ояте аз Каломуллоҳ" ва "Рисолаи шаҷария", тафсирҳои Сайид Муҳаммад Нурбахши Қойинӣ: "Тафсири ояти "Фаман кона ярҷу ликоа Раббиҳ" ва "Тафсири манзум", "Тафсири сураи Ҳашр", "Китоб-уш-шифо фӣ тафсири каломиллоҳ-ил-мунзали мина-с-само", "Тафсири Гозур", "Юсуфнома" аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия – "Арзишҳои илмию адабии "Тафсири Ҳусайнӣ" шомили чаҳор фасл мебошад. Дар фасли аввали ин боб таҳти унвони "Нусхаҳои хаттӣ ва чопии "Мавоҳиби Алийя" нусхашиносии тафсири мазкури Ҳусайн Воизи Кошифӣ сурат пазируфтааст. Муаллиф наздик ба сӣ нусхаи хаттии тафсири ёдшударо аз марказҳои нусахи хаттии ватаниву хориҷӣ муаррифӣ карда, аз ин миён ба аҳамияти хосаи нусхаи шумораи 726 аз Ганҷинаи нусахи хаттии Китобхонаи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Маркази фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон таъкид намудааст. Аз нусхаҳои чопии тафсир бештар нашрҳои Ҳинду Покистон ва тасҳеҳу нашри Ҷалол Ноинӣ мавриди муаррифӣ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби сеюм “Сарчашмашиносии “Тафсири Ҳусайнӣ” ном дошта, дар он шеваи баҳрабарӣ ва истифодаи муфассир аз манобеи муҳим таҳлил гардидааст. Диссертант ба чунин натиҷа расида, ки муаллифи тафсир дар маънидоди мафҳумҳои алоҳида; шарҳи истилоҳоти хоса; зикри хабарҳои гуногун; тавзеҳи матолиби алоҳида; шарҳи масъалаҳои фиқҳӣ; иқтибоси андешаҳои соҳибони сарчашмаҳо оид ба тафсири комилтари баъзе масъалаҳо; русуми маълум дар миёни қавмҳову умматони пайғамбарони гуногун; фазилати пайғамбарон, аз ҷумла бартарии ҳазрати Муҳаммад (с) аз расулони дигари Худованд ва ғ. аз манобеъ баҳра ҷустааст. Ҷустуҷӯи диссертант равшан сохта, ки “Баҳр-ул-ҳақоиқ”, “Тафсири Мунир”, “Тафсири Қуртубӣ”, “Янобеъ”, “ал-Ҳақоиқ”, “Кашф-ул-асрор”, “Ҷавоҳир-ут-тафсир”, “Муъҷаз”, “Амсол”, “Тафсири Ароис”, “Тамҳидот”, “Саҳеҳайн”, “Ҳақоиқ"-и Суламӣ, “Ҳақоиқи Наҷмия”, “Ахлоки Маккия”, “Маъолим”, “Тафсири Имом Ҳодӣ”, “Кашшоф”, “Футӯҳоти Маккия”, “Тафсири кабир” аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои Кошифӣ дар таълифи тафсир будаанд.

Фасли сеюми тафсир бахши хеле арзишманди диссертатсия буда, дар он ҷанбаи адабии тафсир дар панҷ зерфасл таҳти ановини "Ашъори форсию арабӣ дар тафсир", "Истикболи суханони арбоби таҳкик", "Истишҳод ба қасаси машҳури анбиё ва ҳикоёт", "Баҳрагирӣ аз гуфтаҳо ва андешаҳои орифону сӯфиёни машҳур", "Вижагиҳои сабки тарҷумаву тафсир" таҳқиқ гардидааст.

Диссертант дар фасли чаҳоруми ин боб ба масъалаи пайравони мактаби тафсирии Кошифӣ таваҷҷуҳ намуда, "Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ"-и Мискин Муини Ҳиравӣ, "Тарҷумат-ул-хавос"-и Заворай, "Минҳоҷ-ус-содиқин"-и Фатҳуллоҳи Кошониро аз ҷумлаи тафсирҳои таълифшуда дар пайравӣ аз тафосири Кошифӣ донистааст. Ҳамчунин, таъсири

тафсирҳои Кошифӣ бар тафсири арабии "Рӯҳ-ул-баён"-и Исмоил Ҳаққии Бурусавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифааст.

Дар қисмати хулоса роҷеъ ба натиҷаи таҳқиқот, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия анҷом ёфтаанд, хулосаҳои муфид ва арзишманди илмӣ баён шудааст.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсия аз нигоҳи аҳамияти илмию адабӣ, шеваи нигориш, усули таҳқиқ, масъалагузорӣ ва навоварӣ арзиши баланди илмӣ дорад.

Арзиши илмиву амалии диссертатсия бештар дар чунин нуктаҳо зоҳир мегардад:

1. Диссертатсия таҳқиқи тоза ва нав буда, бо баррасии рӯзгору осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории донишмандони форсу тоҷик ба Қуръони карим гӯшае аз тиҳигоҳи адабиётшиносии тоҷикро пур сохтааст.

2. Диссертант заминаҳои таҳқиқи мавзӯъро некӯ фароҳам овардааст. Нахуст мутолиаи муҳимтарин тарҷума ва тафсирҳои Қуръони каримро, ки ба забони форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV таълиф шудаанд, мӯшикофона анҷом дода, роҷеъ ба мавзӯъ асноди лозимаро фароҳам овардааст.

3. Вазифагузорӣ дар таҳқиқи мавзӯъ ва аҳдофи рисола, ки қимати корро афзудааст. Муаллиф дар ин самт ба баррасии сайри таърихии тафсирнигории форсии тоҷикӣ ба Қуръони карим, анвои тафсирҳо, хусусиятҳои тафсирнигорӣ, таҳлили сабку шеваи муфассир, мундариҷаву таркиби тафсирҳо ва нусхашиносии онҳо ва чанд нуктаи дигар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

4. Диссертатсия бо усули қолиби баррасӣ ва сабки хуби илмӣ навишта шуда, ки ин фазилат огоҳии муаллифро аз усулҳои таҳқиқ ва оини нигориш ошкор месозад.

5. Дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст тавассути ҳамин диссертатсия он тарҷума ва тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ, ки дар асрҳои III-XV навишта шудаанд, аз нигоҳи адабӣ таҳқиқ ёфтаанд.

Диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам, ки муҳассаноти фаровони дигарро низ дар худ дорад ва муваффақияти муаллифро дар таҳқиқи мавзӯъ пурра таҷассум намудааст, бо таваҷҷуҳ ба баъзе нукот ҳусни бештарро дархоҳад ёфт. Аз ин ваҷҳ, зикри баъзе аз камбудиҳо ва пешниҳодҳо судманд мебошад.

1. Аксари тарҷума ва тафсирҳое, ки дар диссертатсия муаррифӣ шудаанд, тасҳеҳ ва нашр ёфтаанд. Ба ин сабаб, истифодаи бевосита аз сарчашмаҳои мазкур ва ворид сохтани номгӯи онҳо дар китобнома тақозои илмист.

2. Хониши дурусти матн аз бахшҳои муҳими таҳқиқ маҳсуб мегардад. Дар диссертатсия дар ин маврид чанд ҷо лағзишҳо ба назар мерасад. Намунаҳои зерин аз ҷумлаи чунин мавридҳо буда, тасҳеҳи онҳо муҳим мебошанд:

"Аз Нубӣ айнамо туваллӯ хон,

Сумма ваҷҳуллаҳаш мутаммим дон" (саҳ. 235).

Ин байт тарҷумаи қисмати зерин аз ояти 115 сураи Бақара аст: "айнамо туваллу фасамма ваҷҳуллоҳ" (яъне, ҳар ҷонибе, ки рӯй оваред, пас он ҷо ҷониби Худост). Дар мисраи дуюм бояд калимаи "сумма" (яъне, он гоҳ)-ро "самма" (яъне, он ҷо) хонд.

"То фармон надиҳад, бурҳон наёрем.

Ҳақ мегӯем, гавҳар чӣ хоҳӣ бош" (саҳ.149).

Иқтибоси мазкур тарҷумаи оҳангин ва озоди бахше аз ояти 11 сураи Иброҳим аст, ки бояд дар он ҷумлаи "гавҳар чӣ хоҳӣ бош" ба "гӯ ҳарчӣ хоҳӣ бош" тасҳеҳ ёбад.

"Манам Худой, ки мебинам онат оятҳои нома аст ва Нубӣ пайдокунанда" (саҳ.144). Дар ин иқтибос калимаи "пайдокунанда" сифати "Нубӣ" (яъне, Қуръон) аст ("қуръонин мубинин" – сураи Ҳиҷр, ояти 1). Пас, бояд "Нубии пайдокунанда" хонд. Ҳамчунин, лафзи "онат", ки тарҷумаи "тилка" аст, бо вуҷуди исми ишора барои дур будан, бояд чун ҳамаи тарҷумаҳои дақиқи Қуръони маҷид "инат" бошад. Зоҳиран, мусаҳҳеҳи матн бар асари шабоҳати навишт ва камтаваҷҷуҳӣ бар сабку

шеваи китобат дар он аҳд чунин хонда ва нашр намудааст. Иқтибос бояд ба ин сурат тасҳеҳ ёбад: "Манам Худой, ки мебинам. Инат оятҳои нома аст ва Нубии пайдокунанда".

3. Бояд хониши саҳеҳи аъломи ансоб ва забти дурусти номи осор бо такя ба манобеъ сурат бигирад. Дар диссертатсия дар ин замина чанд ҷо камтаваҷҷуҳӣ ба назар мерасад. Ба мисли "Сиддӣ" (саҳ.129), "Сулламӣ" (саҳ.130), "Заворӣ" (саҳ.84, 273-275), "Фаро" (саҳ.130), "Асва" (саҳ. 292), "Равз-ул-ҷинон ва рӯҳ-ул-ҷанон" (саҳ.180, 183, 188 ва ғ.), "Ҳадят-ул-орифин" (саҳ.47, 99, 284) ва ғ., ки бояд мутаносибан ба ин сурат тасҳеҳ ёбанд: "Суддӣ", "Суламӣ", "Заворай", "Фарро", "Усва", "Равз-ул-ҷинон ва равҳ-ул-ҷанон", "Ҳадийят-ул-орифин".

4. Дар нусхашиносии тафсирҳо, чи хаттӣ ва чи чопӣ, бояд ҳатман аз феҳристҳои муҳим ва тахассусӣ, ба мисли "Феҳрасти кутуби қуръонӣ" («**Qur'anic literature**»)-и Чарлз Стори (ин феҳраст соли 1972 бо такмила ва вироиши ҷадиди Ю.Э.Брегел дар Маскав бо забони русӣ ба табъ расонида), "Феҳристи дастхатҳои тароҷими тақорир ва маонии Қуръони карим"-и Мубашшир Тирозӣ, "Китобномаи бузурги Қуръони карим»-и Муҳаммадҳасани Букоӣ, "Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаҳои Туркия"-и Тавфиқ Субҳонӣ, "Китобшиносии осори форсии чопшуда дар Шибҳи қора (Ҳинд, Покистон, Бангладеш)"-и Ориф Навшоҳӣ ва ғ. кӯмак ҷуст. Заминаи нусхашиносии фарогир ва амиқу густурда танҳо тавассути чунин манобеъ фароҳам хоҳад омад. Камтаваҷҷуҳӣ ба ин масъала мӯҷиб гардида, то нусхаҳои нодири тафосир, бахусус тафсирҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ки дар Осиёи Сағир, Аврупо, Миср ва ғ., ҳатто чандин нусхаи хеле қадими онҳо аз Китобхонаи миллии кишварамон аз пажӯҳиш берун монад.

5. Номи аслии чанде аз тарҷума ва тафсирҳои куҳан, ба сабаби танҳо порае аз онҳо боқӣ мондан, равшан нест. Мусаҳҳеҳон онҳоро бо исме, ки мувофиқи муҳтаво ва қолаби мавҷуд бошад, нашр намудаанд. Пас, тақозои илмӣ он аст, ки дар таҳқиқ низ бо номи нашршуда ва дар ҷомеаи илмӣ интишорёфта, аз онҳо ёд шавад. Дар диссертатсия чанде аз

ин осор ҳини муаррифӣ бо исми худсохт унвон ёфта, ки ислоҳ мехоҳад. Масалан, "Тафсири ду ҷузъи Қуръон" (саҳ.158) – номи чопӣ "Пуле миёни шеъри ҳиҷоӣ ва арӯзии порсӣ", "Тафсири куҳан" (саҳ.159) – номи чопӣ "Бахше аз тафсире куҳан", "Тарҷумаи тафсирии Қуръон" (саҳ.162) – номи чопӣ "Матне порсӣ аз қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ", "Тафсири Қуръони азим" (саҳ.167) – номи чопӣ "Чанд барг тафсири Қуръони азим" ва ғ.

6. Зерфасли дуюм аз фасли чаҳоруми боби дуюм "Тарҷумаи тафсирҳои арабии Қуръон ба форсӣ" унвон ёфта, ки бо муҳтавои зерфасл мувофиқат надорад. Бояд ба унвони мувофиқ иваз гардад. Зеро тафсирҳое, ки дар ин фасл муаррифӣ шудаанд, тарҷумаи тафсирҳои арабӣ нестанд. Ҳама тафсирҳои мустақиле мебошанд, ки донишмандони тоҷик ва дилбохтагони каломи илоҳӣ аз ин миллат бо забони модарии худ ба таълифи онҳо эҳтимом намудаанд. Собит аст, ки ҳатто "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" бо асли он – "Ҷомеъ-ул-баён ъан таъвили ойи-л-Қуръон" ҳеч мувофиқат надорад.

7. Дар чанд маврид "Лисон-ут-танзил" (саҳ.170, 171, 188), "Танзил-ул-Қуръон" (саҳ.154, 188) ва "Вуҷӯҳи Қуръон"-и Ҳубайши Тифлисӣ (саҳ.156) ҳамчун тарҷума ва тафсир муаррифӣ шудаанд. Дуруст он аст, ки ин осор чунонки дар қуръонпажӯҳӣ ва фарҳангшиносӣ собит аст, бояд фарҳанг ва луғатномаҳои куҳани Қуръони маҷид ба забони форсии тоҷикӣ дониста шавад.

8. Натиҷагирӣ ва ҷамъбасти мубоҳисаҳо дар поёни ҳар фасл арзиши таҳқиқро аз нигоҳи услуб ва матонати баррасӣ возеҳ месозад. Бино бар ин, таваҷҷуҳ бар ин масъала ва ба таври мушаххас ироа доштани хулосаҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои зикршуда аз қимати илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам намекоҳад. Сохтору мундариҷаи рисола, ҳаллу фасли масъалаҳои илмии дар он ба миён гузошташуда ва хулосаҳои асоснок аз таҷрибаи кофии илмӣ, донишу огоҳии комили муаллиф аз таърихи назму насри арабиву форсӣ,

улуми диниву қуръонӣ ва методологияи таҳқиқи осори адабӣ гувоҳӣ медиҳад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар фишурдаи он ва 15 мақолаи ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст.

Бо назардошти ин ҳама бо камоли итминон метавон гуфт, ки диссертатсияи Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯи "Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ" (асрҳои X-XV) ҷавобгӯи тақозои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Насриддинов Фахриддин Абдуманонович**

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Б.Ғафуров, ҷ.Ёва, кӯчаи А.Насриддин, 2
тел: (992) 91 729 15 03
E-mail: fahr79@mail.ru

**Имзои Насриддинов Фахриддин Абдуманоновичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **З.Ашрапова**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи
Б. Мавлонбеков, 1. Тел: 6-52-73, 6-47-39
E-mail: hgu-rektor@khujandi.com